# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
# ҚАРОР

аз 28 марти соли 2025 № 223

**ш. Душанбе**

Дар бораи Барномаи солимгардонӣ, барқарорсозӣ ва ҳамгироии маҳбусони барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистию террористидошта маҳкумшуда барои солҳои 2025-2029

Мутобиқи моддаҳои 4 ва 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р  м е к у н а д:

1. Барномаи солимгардонӣ, барқарорсозӣ ва ҳамгироии маҳбусони барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистию террористидошта маҳкумшуда барои солҳои 2025-2029 ва Нақшаи амали Барномаи солимгардонӣ, барқарорсозӣ ва ҳамгироии маҳбусони барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистию террористидошта маҳкумшуда барои солҳои 2025-2029 дар солҳои 2025-2027 тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).

2. Вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо иҷрои Барномаи мазкур ва Нақшаи амали онро таъмин карда, аз натиҷаи онҳо ҳар сол то 31 декабр ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд.

3. Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба рафти иҷрои Барномаи мазкур ва Нақшаи амали он ҳар сол то 1 феврал ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон

РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ

Эмомалӣ Раҳмон

**Правительство Республики Таджикистан**
# ПОСТАНОВЛЕНИЕ

от 28 марта 2025 года № 223

**г. Душанбе**

О Программе по реабилитации, восстановлению и интеграции заключенных, осужденных за совершение преступлений экстремистского и террористического характера, на 2025-2029 годы

В соответствии со статьями 4 и 12 Закона Республики Таджикистан «О стратегическом планировании и государственном прогнозировании» Правительство Республики Таджикистан п о с т а н о в л я е т:

1. Утвердить Программу по реабилитации, восстановлению и интеграции заключенных, осужденных за совершение преступлений экстремистского и террористического характера, на 2025-2029 годы и План действий Программы по реабилитации, восстановлению и интеграции заключенных, осужденных за совершение преступлений экстремистского и террористического характера, на 2025-2029 годы в 2025-2027 годах (приложения 1 и 2).

2. Соответствующим министерствам и ведомствам, исполнительным органам государственной власти Горно-Бадахшанской автономной области, Хатлонской и Согдийской областей, города Душанбе и городов и районов обеспечить выполнение настоящей Программы и её Плана действий и по результатам ежегодно до 31 декабря представлять информацию Министерству юстиции Республики Таджикистан.

3. Министерству юстиции Республики Таджикистан ежегодно до 1 февраля представлять информацию о ходе выполнения настоящей Программы и её Плана действий Правительству Республики Таджикистан.

Председатель
Правительства Республики
Таджикистан — Эмомали Рахмон

ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ
8942-25

Замимаи 1
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «28» марти соли 2025, №223

Барномаи солимгардонӣ, барқарорсозӣ ва ҳамгироии маҳбусони барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистию террористидошта маҳкумшуда барои солҳои 2025-2029

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Барномаи солимгардонӣ, барқарорсозӣ ва ҳамгироии маҳбусони барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистию террористидошта маҳкумшуда барои солҳои 2025-2029 (минбаъд - Барномаи мазкур) бо мақсади иҷрои Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, №187 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст.

2. Барномаи мазкур ба устуворгардонӣ ва мушаххасгардонии шаклҳои мухталифи тарбия ва ислоҳи маҳкумшудагоне, ки барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистию террористидошта маҳкум шудаанд, равона гардидааст.

## 2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИЯТИ ҶОРӢ

3. Дар муассисаҳои ислоҳӣ афзоиши маҳкумшудагоне, ки барои фаъолияти экстремистию террористӣ ва гурӯҳҳои тундрав маҳкум шудаанд, боиси ташвиш гаштааст.

4. Омӯзиш ва таҳлили вазъи рӯҳию равонӣ ва ақидавии маҳкумшудагон, дар байни онҳо ба роҳ мондани корҳои пешгирикунанда, фаҳмонидани ғояҳои зиддиҷамъиятии экстремизм ва терроризм ва дар онҳо ташаккул ёфтани афкори зиддиэкстремистӣ талаб менамояд, ки сабаб, шароит ва омилҳои ҷалби онҳо ба таври инфиродӣ омӯхта шуда, нисбат ба ҳар нафари онҳо тадбирҳои инфиродии барқарорсозии зеҳну афкор муқаррар ва татбиқ карда шаванд.

5. Маҳкумшудагоне, ки то ҳол аз ақидаҳои ифротии худ бар нагашта, барқарорсозӣ ва ба ҷомеаи солим баргардонидани чунин гурӯҳи маҳкумшудагон аз ҷиҳати рӯҳӣ ва равонӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ зарур ва саривақтӣ мебошад.

6. Ҳолати рӯҳӣ ва равонии маҳкумшудагоне, ки барои содир кардани ҷиноятҳои экстремистию террористидошта маҳкум гардидаанд, шакли қолабӣ дошта, ислоҳи онҳо душвор мебошад. Барои дар муассисаҳои ислоҳӣ мутобиқгардонии ин гурӯҳи

маҳкумшудагон корҳои зиёди баркарорсозӣ ва солимгардониро ба роҳ мондан зарур аст, зеро субъектони дигари муковиматкунанда бо терроризм ва экстремизм аз рӯйи ваколатҳои худ бо дастгир ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсони гунаҳгор маҳдуд гардида, ба ислоҳ кардан, баркарорсозӣ ва ҳамгироии чунин шахсон машғул намебошанд.

7. Айни ҳол маҳкумшудагоне, ки ҷиноятҳои хусусияти экстремистию террористӣ содир намудаанд, дар муассисаҳои ислоҳии низомашон умумӣ, пурзӯр, сахт ва низоми маҳбасӣ адои ҷазо карда истодаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар катори дигар кишварҳои минтака ба таҳдидҳои рӯз аз рӯз афзояндаи экстремизм ва терроризм ба амнияти миллӣ ва рушди босуботи худ рӯбарӯ гашта, ин таҳдидҳо мунтазам шаклу усулҳои тозаро касб менамояд. Инчунин доманаи онҳо фарох гардида, тарзу усули содир намудани амалҳои экстремистию террористидошта гуногун ва тағйирёбанда арзёбӣ мегардад.

8. Ташкилотҳои экстремистию террористӣ, ки фаъолияти онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ шудааст, барои ба сафи худ ҷалб намудани аҳолӣ, аз ҷумла ҷавонон аз шабакаҳои иҷтимоӣ васеъ истифода намуда, сарчашмаҳои маблағгузории гуногун доранд. Дар ин робита то ба имрӯз аз ҷониби макомоти ваколатдори кишвар бо максади баркарорсозӣ ва ҳамгироии шахсоне, ки барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистию террористидошта маҳкум шудаанд, дар самти ошкор ва рафъ намудани зуҳуроти экстремизм ва терроризм чораҳои зарурӣ андешида шуда, вазъият татбики чорабиниҳои иловагиро талаб менамояд.

9. Дар айни ҳол, бо дарназардошти корҳои амалишуда дар самти баркарорсозӣ ва ҳамгироии маҳбусоне, ки барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистию террористидошта маҳкум шудаанд, зарурати андешидани амалҳои вобаста ба пешгирии экстремизм, терроризм, ташкили чорабиниҳои густурдаи фаҳмондадиҳӣ, психологӣ, иктисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, варзишӣ, ҳукукӣ ва дар ин замина таҳия ва амалӣ намудани барномаи мушаххас ба миён омадааст. Азбаски ҷараёни баркарорсозӣ ва ҳамгироии маҳбусони барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистию террористидошта маҳкум шудаанд, муносибати махсусро талаб намуда, амалӣ намудани чунин чорабиниҳо дар доираи барномаи алоҳида нисбати чунин гурӯҳи маҳкумшудагон ба ислоҳи онҳо ва пешгирии содиршавии ҷиноятҳои нав равона шуда, инъикоскунандаи таъиноти иҷтимоии давлат мебошад.

## 3. МАҚСАД, ВАЗИФА ВА САМТҲОИ АСОСИИ БАРНОМАИ МАЗКУР

10. Максади Барномаи мазкур солимгардонӣ, баркарорсозӣ ва ҳамгироии маҳбусоне, ки барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти

экстремистию террористидошта маҳкум шудаанд, таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва манфиатҳои қонунии онҳо аз таҳдидҳои экстремистӣ ва террористӣ иборат мебошад.

11. Вазифаҳои Барномаи мазкур аз инҳо иборат мебошанд:

- барқарорсозии ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва равонии маҳбусоне, ки барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистию террористидошта маҳкум шудаанд;

- ба ҳаёти солим ва ба ҷамъият баргардонидани маҳбусон бо мақсади коҳиш додан ва кам кардани хавфу хатар ва таҳдиди экстремизм ва терроризм ба ҷомеа;

- фароҳам овардани шароит ва муҳайё намудани имконият барои чораҳои таъсиррасонӣ ва ташкилӣ, ба монанди ба касбомӯзӣ ва шуғл фаро гирифтани маҳкумшудагон;

- ба роҳ мондани назорати мунтазам ва қатъӣ бо мақсади пешгирии содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳо аз ҷониби маҳбусон;

- мунтазам гузаронидани чорабиниҳои фарҳангӣ ва маишӣ ҷиҳати васеъ кардани доираи ҷаҳонбинӣ ва баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ дар шуури маҳбусон.

## 4. ЧОРАБИНИҲОИ МУШАХХАС БАРОИ ИҶРОИ ВАЗИФАҲОИ ГУЗОШТАШУДА ДАР САМТИ СОЛИМГАРДОНӢ, БАРҚАРОРСОЗӢ ВА ҲАМГИРОӢ

12. Чорабиниҳои мушаххас барои иҷрои вазифаҳои гузоштaшуда дар самти солимгардонӣ, барқарорсозӣ ва ҳамгироӣ аз инҳо иборатанд:

- ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор бо таваҷҷуҳ ба ҳолати психологӣ, махсусан, дар ҷараёни адои ҷазои ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои хусусияти экстремистию террористидошта;

- ворид намудани таълими фанни психологияи пенитенсиарӣ дар барномаи такмили ихтисоси кормандони Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- дар муассисаҳои ислоҳӣ, аз ҷумла дар Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил намудани воҳиди кории психолог бо ҷалби мутахассисони соҳа барои кор бо дурнамои ташкил кардани хадамоти психологӣ дар назди раёсати тиббии Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷалб намудани психологҳои махсус омодакардашуда барои фаъолият дар ин хадамот;

- таҳия ва амалӣ намудани лоиҳаи корҳои илмию таҳқиқотӣ оид ба масъалаҳои психологияи пенитенсиарӣ;

- таҳия ва татбиқ намудани нақшаи чорабиниҳо оид ба пешгирии афсурдагии касбӣ дар кормандони низоми адои ҷазои ҷиноятӣ,

инчунин, механизми мубодилаи таҷриба (супервизия)-и психологҳои муассисаҳои ислоҳӣ;

- таҳия ва тасдиқ намудани низомномаи фаъолияти психологӣ дар низоми адои ҷазои ҷиноятӣ ва дастурамали мансабии ӯ;

- муҳайё намудани шароити кор барои психологҳо, ки ба талаботи принсипҳои касбию ахлоқӣ дар ин соҳа мувофиқ аст;

- вобаста ба хусусиятҳои психологияи пенитенсиарӣ ва бо дарназардошти таҷрибаи пешқадам баланд бардоштани сатҳи тахассусии психологҳои муассисаҳои ислоҳӣ, махсусан психологҳое, ки бо шахсони бо содир намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистию террористидошта маҳкумшуда кор мекунанд;

- ба барномаи такмили ихтисоси кормандони низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ворид намудани таълими фанни психологияи пенитенсиарӣ;

- такмил додани методология ва ташкили кор дар самти ёрии психологӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ;

- таҳияи воситаҳои арзёбӣ барои муассисаҳои ислоҳӣ (саволнома, варақаи мушоҳидаҳо бо фарогирии арзёбии хатар ва эҳтиёҷоти инфиродӣ, аз ҷумла дараҷаи радикализатсия ва дерадикализатсияи бо ҳолати рӯҳӣ ва равонӣ алоқадошта), бо дарназардошти ҷанбаҳои синнусолӣ, ҷисмонӣ ва гендерӣ;

- мутобиқ намудани методикаҳои психологии ташхиси зуҳуроти рӯҳӣ ва равонӣ, сифатҳои фардию шахсӣ, хусусият, қобилият ва баҳодиҳӣ ба ҳолати рӯҳӣ ва равонии маҳкумшудагон ва дар муассисаҳои ислоҳӣ мавриди истифода қарор додани онҳо;

- ташкили гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи барномаҳои махсус дар бораи масъалаи солимии рӯҳӣ ва равонӣ бо фарогирии идоранамоии агрессия ва аутоагрессия, пешгирии худкушӣ, коҳиш додани зарар, табобати вобастагӣ аз маводди мухаддир ва ғайра;

- гузаронидани чорабиниҳои варзишии даставӣ, ки ба рушди малакаҳои муошират мусоидат мекунанд.

13. Самтҳои асосии Барномаи мазкур аз инҳо иборатанд:

- баланд бардоштани самаранокии фаъолияти муассисаҳои ислоҳӣ, мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ муносибат намудан бо маҳкумшудагон, қонеъ гардонидани талаботи иҷтимоӣ, тиббӣ, рӯҳию равонӣ ва динии онҳо;

- муайян кардани самтҳои асосӣ, шакл ва усулҳои кор бо офиятбахшӣ ва ҳамгироии мукаммали маҳкумшудагон дар шароити муассисаҳои ислоҳӣ;

- тақвият бахшидани иқтидори муассисаҳои ислоҳӣ дар соҳаи офиятбахшии иҷтимоию психологии маҳкумшудагон, ташаккули асосҳои офиятбахшӣ ва ҳамгироии гуногунсоҳаи маҳкумшудагон дар шароити муассисаҳои ислоҳӣ;

- таъмини илмию методӣ ва амалии фаъолият дар соҳаи офиятбахшӣ ва ҳамгироии муассисаҳои пенитенсиарӣ;

- баланд бардоштани самаранокии ҳамкории байниидоравӣ, ташаккул ва рушди низоми байниидоравии офиятбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоӣ дар шароити муассисаҳои ислоҳӣ;

- таъсис ва рушди иқтидори хадамоти байнисоҳавии офиятбахшии маҳкумшудагон.

## 5. МЕХАНИЗМҲОИ АМАЛИСОЗӢ ВА МАНБАЪҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ БАРНОМАИ МАЗКУР

14. Барномаи мазкур дар се марҳила – мутобиқи нақшаҳои амали он барои солҳои 2025-2027, 2028 ва 2029, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мешаванд, амалӣ мегардад.

15. Амалигардонии Барномаи мазкур аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо анҷом дода мешавад.

16. Ҳаҷми умумии маблағгузории амалишавии Барномаи мазкур 38520000 сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ – 17530000 сомонӣ ва манбаъҳои ғайрибуҷетӣ 20990000 сомониро ташкил медиҳад.

17. Маблағгузории Барномаи мазкур аз ҳисоби буҷети давлатӣ, ки барои ин мақсад пешбинӣ гардидааст, инчунин гранту сарчашмаҳои молиявӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, амалӣ карда мешавад.

## 6. НАТИҶАҲОИ ПЕШБИНИШАВАНДА

18. Амалисозии Барномаи мазкур ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба шумор меравад, ки ба ислоҳ намудани маҳкумшудагон, ноил шудан ба мақсадҳои ҷазо ва то ҳадди ақал кам кардани оқибатҳои дигари манфии иҷтимоии вобаста ба ҷудокунии маҳкумшудагон аз ҷомеа мусоидат менамояд.

19. Дар натиҷаи амалисозии Барномаи мазкур пешбинӣ мешавад:

- беҳтар намудани шароити нигоҳдории маҳкумшудагон ва мутобиқатии фаъолияти низом ба меъёрҳои байналмилалӣ;

- фарогирии бештари маҳкумшудагон ба офиятбахшӣ бо мақсади минбаъда ба ҷомеа бозгардонидани онҳо;

- ҷорӣ намудани тадбирҳои муассир оид ба офиятбахшии бисёрсоҳа ва ҳамгироии маҳкумшудагон дар шароити муассисаҳои ислоҳӣ;

- паст кардани сатҳи ретсидиви ҷиноят ва такроран содир намудани ҷиноят аз тарафи маҳкумшудагон ҳангоми адои ҷазо ва баъди адои ҷазо;

- баланд бардоштани обрӯю нуфузи низоми пенитенсиарӣ ва ҷалби кормандони соҳибихтисос ба он.

## 7. МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБИИ РАВАНДИ АМАЛИСОЗИИ БАРНОМАИ МАЗКУР

20. Мониторинг ва арзёбии амалисозии Барномаи мазкур аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

21. Мониторинг ва арзёбии амалисозии Барномаи мазкур дар асоси талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №615 «Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани мониторинг ва арзёбии амалишавии ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» гузаронида мешавад.

## 8. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

22. Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил, ҳамоҳангсозӣ, арзёбӣ ва назорати корҳоро оид ба амалишавии Барномаи мазкур иҷро намуда, тибқи тартиби муқарраргардида ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод менамояд.

Замимаи 2
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «28» марти соли 2025, №223

Нақшаи амали
Барномаи солимгардонӣ, барқарорсозӣ ва ҳамгироии маҳбусони барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистию террористидошта маҳкумшуда барои солҳои 2025-2029 дар солҳои 2025-2027

| № т/т | Номгӯйи чорабиниҳо | Мухлати иҷро | Иҷрокунандагон | Сарчашмаҳои маблағгузорӣ | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Буҷети давлатӣ | Шарикони рушд |
| | **1. ЧОРАБИНИҲОИ ТАШКИЛИИ БАРНОМАИ МАЗКУР** | | | | |
| 1. | Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда» дар самти офиятбахшии иҷтимоӣ ва ҳамгироии маҳкумшудагон мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ | 2025-2027 | Вазорати адлия, Прокуратураи генералӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, шарикони рушд | - | - |
| 2. | Таҳияи нақшаи муштарак байни вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати кор бо маҳкумшудагон ва дар байни вазорату идораҳо тақсим кардани самти фаъолият | 2025-2027 | Вазорати адлия, Прокуратураи генералӣ, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати маориф ва илм, Кумитаи дин ва танзими ҷашну маросим, Маркази исломӣ, шарикони рушд | - | - |
| 3. | Таҳияи тавсияҳо оид ба зиёд намудани шумораи воҳиди кормандони иҷтимоӣ, равоншиносон ва хадамоти тиббӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ | 2025-2027 | Вазорати адлия, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати маориф ва илм, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, шарикони рушд | - | 30000 |
| 4. | Бо мақсади вокуниши саривақтӣ ва дахлдор таҳияи механизми ҳамкории сохторҳои дохилии низоми пенитенсиарӣ барои ошкор намудани ниёзмандон ба кумаки психологию иҷтимоӣ ва тиббӣ | 2026 | Вазорати адлия, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати маориф ва илм, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, шарикони рушд | - | 10000 |
| 5. | Ташкили тренингҳои омӯзишӣ барои кормандони муассисаҳои ислоҳӣ оид ба масъалаҳои ҷамъоварии самаранок, арзёбӣ, муқоисакунӣ ва таҳлили маълумот дар бораи шахсоне, ки барои ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ ва террористидошта маҳкум гардидаанд | 2025-2027 | Вазорати адлия, Прокуратураи генералӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати маориф ва илм, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, шарикони рушд | 130000 | 150000 |
| | **2. ОФИЯТБАХШИИ ПСИХОЛОГӢ ВА ҲАМГИРОИИ МАҲКУМШУДАГОН** | | | | |
| 6. | Таҳия ва тасдиқ намудани Низомномаи фаъолияти психолог дар мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва меъёрҳои баҳодиҳӣ ба фаъолияти психолог дар муассисаҳои ислоҳӣ | 2026-2027 | Вазорати адлия, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, шарикони рушд | - | - |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 7. | Ворид намудани таълими фанни психологияи пенитенсиарӣ дар барномаи такмили ихтисоси кормандони мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ | 2026-2027 | Вазорати адлия, шарикони рушд | | |
| 8. | Таҳия ва татбиқ намудани нақшаи чорабиниҳо оид ба пешгирии афсурдагии касбӣ дар фаъолияти кормандони низоми адои ҷазои ҷиноятӣ, инчунин механизми мубодилаи таҷриба (супервизия)-и психологҳои муассисаҳои ислоҳӣ | 2026-2027 | Вазорати адлия, шарикони рушд | - | - |
| 9. | Бо дарназардошти таҷрибаи пешқадам баланд бардоштани сатҳи тахассуси психологҳои муассисаҳои ислоҳӣ, махсусан психологҳое, ки бо шахсони бо содир намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистию террористидошта маҳкумшуда | 2025-2027 | Вазорати адлия, шарикони рушд | - | - |
| | 3. ОФИЯТБАХШИИ ИҶТИМОӢ ВА ҲАМГИРОИИ МАҲКУМШУДАГОН | | | | |
| 10. | Роҳандозӣ намудани кумаки иҷтимоӣ, дастгирӣ ва ҳифзи маҳкумшудагон, мусоидат намудан дар нигоҳ доштан ё барқарор намудани малакаҳои иҷтимоӣ, барқарор намудан, нигоҳ доштан ва таҳкими робитаҳои фоиданоки иҷтимоӣ, мутобиқкуниҳое, ки барои ислоҳ гардидании онҳо дар давраи адои ҷазо ва ҳамгироӣ пас аз баромадан ба озодӣ шароити заруриро таъмин менамоянд | 2025-2027 | Вазорати адлия, Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати маориф ва илм, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Прокуратураи генералӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, шарикони рушд | - | - |
| 11. | Фароҳам овардани шароит барои ба кор ҷалб намудани маҳкумшудагон ва беҳтар намудани фаъолияти истеҳсолию хоҷагидории муассисаҳои ислоҳӣ ва баланд бардоштани самаранокии иқтисодии меҳнати маҳкумшудагон | 2025-2027 | Вазорати адлия, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, шарикони рушд | 2500000 | 3000000 |
| 12. | Дар сохтори Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис додани хадамоти кори иҷтимоӣ, шуъбаи махсуси кори иҷтимоӣ ва тасдиқи низомнома ва дастурамали мансабии мутахассиси кори иҷтимоӣ дар мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ | 2026-2027 | Вазорати адлия, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, шарикони рушд | - | - |
| 13. | Таҳияи шакли баҳодиҳии аввалин (скрининг)-и хавфҳои инфиродӣ ва эҳтиёҷоти иҷтимоӣ барои маҳкумшудагони нав ба муассиса овардашуда | 2027 | Вазорати адлия, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, шарикони рушд | - | - |
| 14. | Таҳияи барнома оид ба коҳиш додани зӯроварӣ дар байни маҳкумшудагон ва дар ин замина ташкили корҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ бо агрессорҳо | 2027 | Вазорати адлия, Вазорати маориф ва илм, Кумитаи дин ва танзими ҷашну маросим, Маркази исломшиносӣ, Маркази исломӣ, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, шарикони рушд | - | - |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 4. БАРҚАРОРСОЗИИ АҚИДАҲОИ СОЛИМИ ДИНӢ ВА БА ҲАЁТИ ОСОИШТА МУТОБИҚ НАМУДАНИ МАҲКУМШУДАГОН | | | | | |
| 15. | Таҳияи шаклу усулҳои нави корҳои пешгирикунанда дар муассисаҳои ислоҳӣ ҷиҳати баланд бардоштани фарҳанги таҳаммулпазирӣ ва пешгирии ифротгароӣ дар байни маҳкумшудагон, бахусус онҳое, ки барои содир намудани ҷиноятҳои экстремистӣ ва террористӣ маҳкум шудаанд | 2025-2027 | Вазорати адлия, Кумитаи дин ва танзими ҷашну маросим, Маркази исломшиносӣ, Маркази исломӣ, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, шарикони рушд | - | - |
| 16. | Баланд бардоштани тахассус ва тайёрии назариявии мутахассисони диншинос, намояндагони ташкилотҳои динӣ ва дигар шахсоне, ки ба корҳои пешгирикунанда дар муассисаҳои ислоҳӣ ҷалб шудаанд | 2025-2027 | Вазорати адлия, Вазорати маориф ва илм, Кумитаи дин ва танзими ҷашну маросим, Маркази исломшиносӣ, Маркази исломӣ, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, шарикони рушд | - | - |
| 17. | Бо мақсади амалӣ намудани чорабиниҳои таъсиррасонӣ ба маҳкумшудагон ҷиҳати баркарорсозии ақидаҳо ва дониши солими динӣ таъсис додани гурӯҳи корӣ аз ҳисоби коршиносони Кумитаи дин ва танзими ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази исломии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии «Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар мақомоти дахлдор | 2025-2027 | Вазорати адлия, Кумитаи дин ва танзими ҷашну маросим, Маркази исломшиносӣ, Маркази исломӣ, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, шарикони рушд | - | - |
| 18. | Таҳияи нақшаи чорабиниҳо оид ба гузаронидани вохӯрӣ бо маҳкумшудагон, интихоб намудани мавзуъҳое, ки ба тафаккури динии ин гурӯҳи одамон таъсири мусбат расонида метавонанд | 2025-2027 | Вазорати адлия, Вазорати маориф ва илм, Кумитаи дин ва танзими ҷашну маросим, Маркази исломшиносӣ, Маркази исломӣ, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, шарикони рушд | - | - |
| 19. | Гузаронидани вохӯриҳои гурӯҳӣ ва инфиродӣ бо шахсоне, ки барои содир намудани ҷиноятҳои экстремистӣ ва террористӣ маҳкум шудаанд | 2025-2027 | Вазорати адлия, Вазорати маориф ва илм, Кумитаи дин ва танзими ҷашну маросим, Маркази исломшиносӣ, Маркази исломӣ, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, шарикони рушд | - | - |
| | ҲАМАГӢ | | 5820000 | 2630000 | 3190000 |

Приложение 1
к постановлению Правительства
Республики Таджикистан
от «28» марта 2025 года, №223

Программа по реабилитации, восстановлению и интеграции заключенных, осужденных за совершение преступлений экстремистского и террористического характера, на 2025-2029 годы

## 1. ОБЩИЕ ПОЛОЖЕНИЯ

1. Программа по реабилитации, восстановлению и интеграции заключенных, осужденных за совершение преступлений экстремистского и террористического характера, на 2025-2029 годы (далее - настоящая Программа) разработана с целью выполнения Стратегии по противодействию экстремизму и терроризму в Республике Таджикистан на 2021-2025 годы, утвержденной указом Президента Республики Таджикистан от 1 июня 2021 года №187.

2. Настоящая Программа направлена на стабилизацию и конкретизацию различных форм воспитания и исправления заключенных, осужденных за преступления экстремистского и террористического характера.

## 2. АНАЛИЗ ТЕКУЩЕЙ СИТУАЦИИ

3. Вызывает беспокойство увеличение числа заключенных в исправительных учреждениях, осужденных за экстремистскую и террористическую деятельность и экстремистских группировках.

4. Изучение и анализ духовно-идеологической ситуации осужденных, налаживание среди них профилактической работы, разъяснение антисоциальных идей экстремизма и терроризма и формирование у них антиэкстремистского мышления требует индивидуального изучения причин, условий и факторов их привлечения, определения и применения к каждому из них индивидуальных мер восстановления интеллекта и мысли.

5. Осужденные еще не отказавшиеся от своих экстремистских взглядов, реабилитация и возвращение в здоровое общество такой категории осужденных является необходимым и своевременным в психологическом, экономическом, социальном и культурном аспектах.

6. Психическое состояние заключенных, осужденных за совершение преступлений экстремистского и террористического характера, имеет стереотипную форму, их исправление сложно. Для адаптации этой группы осужденных в исправительных учреждениях

необходимо проводить большую восстановительную и реабилитационную работу, поскольку полномочия других субъектов борьбы с экстремизмом и терроризмом ограничены задержанием и привлечением виновных лиц к уголовной ответственности, они не занимаются исправлением, восстановлением и интеграцией таких лиц.

7. В настоящее время осужденные за преступления экстремистского и террористического характера, отбывают наказание в исправительных учреждениях общего, усиленного, строгого режима и тюремной системе. Республика Таджикистан, наряду с другими странами региона, сталкивается с постоянно растущими угрозами экстремизма и терроризма его национальной безопасности и стабильному развитию, эти угрозы регулярно приобретают новые формы и методы. Также расширяется их диапазон, способы и методы совершения экстремистских и террористических действий оцениваются как различные и изменчивые.

8. Экстремистские и террористические организации, деятельность которых запрещена в Республике Таджикистан, для привлечения в свои ряды населения, в том числе молодежи, широко используют социальные сети и имеют различные источники финансирования. В связи с этим в целях восстановления и интеграции лиц, осужденных за совершение преступлений экстремистского и террористического характера, принимаются различные меры со стороны уполномоченного органа страны по выявлению, устранению и пресечению проявлений экстремизма и терроризма и ситуация требует осуществление применения дополнительных мероприятий.

9. В настоящее время, с учетом работы, проведенной по восстановлению и интеграции заключенных, осужденных за совершение преступлений экстремистского и террористического характера, возникла необходимость осуществления действий по предотвращению экстремизма и терроризма, организации обширных разъяснительных, психологических, экономических, социальных, культурных, спортивных, правовых мероприятий и на этой основе разработки и реализации конкретной программы. Поскольку процесс восстановления и интеграции осужденных за совершение преступлений экстремистского и террористического характера, требует особого подхода, реализация таких мероприятий осуществляется в рамках отдельной программы в отношении такой группы осужденных, направленной на исправление осужденных и предупреждение совершения новых преступлений, и отражающей социальное назначение государства.

## 3. ОСНОВНЫЕ ЦЕЛИ, ЗАДАЧИ И НАПРАВЛЕНИЯ НАСТОЯЩЕЙ ПРОГРАММЫ

10. Целью настоящей Программы является реабилитация, восстановление и интеграция заключенных, осужденных за совершение

преступлений экстремистского и террористического характера, обеспечение правопорядка, защиты прав и свобод человека и гражданина, их законных интересов от экстремистских и террористических угроз.

11. Задачи настоящей Программы включают следующее:

- физическое, психическое и психологическое восстановление заключенных, осужденных за совершение преступлений экстремистского и террористического характера;

- возвращение осужденных к здоровой жизни и в общество с целью снижения и уменьшения рисков и угрозы экстремизма и терроризма для современного общества;

- создание условий и подготовка возможности для воздействующих и организационных мер, таких как профессиональное обучение и трудоустройство осужденных;

- налаживание регулярного и строгого контроля осужденных с целью профилактики совершения ими правонарушений;

- регулярное проведение культурно-бытовых мероприятий для расширения кругозора и повышения у осужденных сознании чувства патриотизма.

## 4. КОНКРЕТНЫЕ МЕРОПРИЯТИЯ ДЛЯ ВЫПОЛНЕНИЯ ПОСТАВЛЕННЫХ ЗАДАЧ В НАПРАВЛЕНИИ РЕАБИЛИТАЦИИ, ВОССТАНОВЛЕНИИ И ИНТЕГРАЦИИ

12. Конкретные мероприятия для выполнения поставленных задач в направлении реабилитации, восстановления и интеграции включают следующее:

- внесение изменений и дополнений в соответствующие нормативные правовые акты, уделяя внимание психологическому вмешательству, особенно в процессе отбывания уголовного наказания за преступления экстремистского и террористического характера;

- введение обучения предмета пенитенциарной психологии в программу повышения квалификации сотрудников Главного управления исполнения уголовных наказаний Министерства юстиции Республики Таджикистан;

- создание в исправительных учреждениях, в том числе в Главном управлении исполнения уголовных наказаний Министерства юстиции Республики Таджикистан, единицы психолога с привлечением специалистов области для работы, с перспективой организации психиатрической службы при Главном управлении исполнения уголовных наказаний Министерства юстиции Республики Таджикистан и привлечения специально подготовленных психологов для работы в этой службе;

- разработка и реализация проекта научно-исследовательских работ по вопросам пенитенциарной психологии;

- разработка и применение плана мероприятий по профилактике профессиональной депрессии у сотрудников системы отбывания уголовного наказания, а также механизма супервизии (обмена опытом) психологов исправительных учреждений;

- разработка и утверждение положения о работе психологов в системе отбывания уголовных наказаний и их должностных инструкций;

- создание условий труда (для психологов), отвечающих требованиям профессиональных и этических принципов в данной сфере;

- в зависимости от особенностей пенитенциарной психологии и с учетом передового опыта повышение квалификационного уровня психологов исправительных учреждений, особенно психологов, работающих с лицами, осужденными за совершение преступлений террористического и экстремистского характера;

- включение обучения предмета пенитенциарной психологии в программу повышения квалификации сотрудников системы отбывания уголовного наказания;

- совершенствование методологии и организации работы в сфере психологической помощи в исправительных учреждениях;

- разработка средств оценки для исправительных учреждений (анкета, лист наблюдений, включающий оценку риска и индивидуальных потребностей, в том числе степени радикализации и дерадикализации, связанной с психическим и психологическим состоянием), с учетом возрастных, физических и гендерных аспектов;

- адаптация психологических методик диагностики психических явлений, индивидуально-личностных качеств, характеристик, способностей и оценки психического состояния осужденных и их использование в исправительных учреждениях;

- организация рабочей группы и разработка специальных программ по вопросам психического здоровья, включая управление агрессией и аутоагрессией, профилактику суицидов, снижение вреда, лечение наркозависимости и т.д.;

- проведение командных спортивных мероприятий, способствующих развитию коммуникативных навыков.

13. Основные направления настоящей Программы включают:

- повышение эффективности деятельности исправительных учреждений, обращения с осужденными в соответствии с международными стандартами, удовлетворение их социальных, медицинских, психологических и религиозных потребностей;

- определение основных направлений, форм и методов работы по реабилитации и полной интеграции осужденных в условиях исправительных учреждений;

- усиление потенциала исправительных учреждений в области социально-психологической реабилитации осужденных, формирование

основ реабилитации и многопрофильной интеграции осужденных в условиях исправительных учреждений;

- научно-методическое и практическое обеспечение деятельности в области реабилитации и интеграции пенитенциарных учреждений;

- повышение эффективности межведомственного сотрудничества, формирование и развитие межведомственной системы реабилитации и социальной интеграции в условиях исправительных учреждений;

- создание и развитие потенциала межотраслевой службы реабилитации осужденных.

## 5. МЕХАНИЗМЫ РЕАЛИЗАЦИИ И ИСТОЧНИКИ ФИНАНСИРОВАНИЯ НАСТОЯЩЕЙ ПРОГРАММЫ

14. Настоящая Программа будет реализована в три этапа – в соответствии с планами ее действий на 2025-2027, 2028 и 2029 годы, утвержденными Правительством Республики Таджикистан.

15. Реализация настоящей Программы осуществляется соответствующими министерствами и ведомствами, и исполнительными органами государственной власти городов и районов.

16. Общий объем финансирования реализации настоящей Программы составляет 38520000 сомони, в том числе за счет бюджетных средств – 17530000 сомони и внебюджетных источников 20990000 сомони.

17. Финансирование настоящей Программы осуществляется за счет средств государственного бюджета, предусмотренных для этой цели, а также грантов и финансовых источников, не запрещенных законодательством Республики Таджикистан.

## 6. ОЖИДАЕМЫЕ РЕЗУЛЬТАТЫ

18. Реализация настоящей Программы способствует повышению эффективности системы исполнения уголовного наказания, направленной на исправление осужденных, достижению целей наказания и минимизации иных негативных социальных последствий, связанных с изоляцией осужденных от общества.

19. В результате реализации настоящей Программы предусматривается:

- улучшение условий содержания осужденных и соответствие деятельности системы международным нормам;

- большее вовлечение осужденных в реабилитацию с дальнейшей целью возвращения их в общество;

- внедрение действенных мер по многопрофильной реабилитации и интеграции осужденных в условиях исправительных учреждений;

- снижение уровня рецидива преступлений и повторного совершения осужденными преступлений при и после отбывания наказания;

- повышение имиджа пенитенциарной системы и привлечение в нее квалифицированных работников.

## 7. МОНИТОРИНГ И ОЦЕНКА ПРОЦЕССА РЕАЛИЗАЦИИ НАСТОЯЩЕЙ ПРОГРАММЫ

20. Мониторинг и оценка реализации настоящей Программы проводится Министерством юстиции Республики Таджикистан.

21. Мониторинг и оценка реализации настоящей Программы проводится на основании требований постановления Правительства Республики Таджикистан от 29 декабря 2018 года, №615 «О Правилах проведения мониторинга и оценки реализации стратегических документов нацонального уровня, отраслевых и региональных программ развития в Республике Таджикистан».

## 8. ЗАКЛЮЧИТЕЛЬНЫЕ ПОЛОЖЕНИЯ

22. Министерство юстиции Республики Таджикистан осуществляет организацию, координацию, оценку и контроль работ по реализации настоящей Программы и в установленном порядке представляет информацию Правительству Республики Таджикистан.

Приложение 2
к постановлению
Правительства Республики
Таджикистан
от «28» марта 2025 года, №223

План действий
Программы по реабилитации, восстановлению и интеграции заключенных, осужденных за совершение преступлений экстремистского и террористического характера, на 2025-2029 годы в 2025-2027 годах

| № п/п | Название мероприятий | Срок исполне-ния | Исполнители | Источники финансирования | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Государственный бюджет | Партнеры по развитию |
| | **1. ОРГАНИЗАЦИОННЫЕ МЕРОПРИЯТИЯ ПРОГРАММЫ** | | | | |
| 1. | Внесение изменений и дополнений в Кодекс исполнения уголовных наказаний Республики Таджикистан и Закон Республики Таджикистан «О порядке и условиях содержания под стражей подозреваемых, обвиняемых и подсудимых» касательно социальной реабилитации и реинтеграции осужденных в соответствии с международными стандартами | 2025-2027 | Министерство юстиции, Генеральная прокуратура, Министерство внутренних дел, Государственный комитет национальной безопасности, партнеры по развитию | - | - |
| 2. | Разработка совместного плана между соответствующими министерствами и ведомствами относительно работы с осужденными и распределения направлений деятельности между министерствами и ведомствами | 2025-2027 | Министерство юстиции, Генеральная прокуратура, Министерство здравоохранения и социальной защиты населения, Министерство внутренних дел, Министерство образования и науки, Комитет по религии, упорядочению торжеств и обрядов, Исламский центр, партнеры по развитию | - | - |
| 3. | Разработка рекомендаций по увеличению количества штатных единиц социальных работников, психологов и медицинских служб в исправительных учреждениях | 2025-2027 | Министерство юстиции, Министерство здравоохранения и социальной защиты населения, Министерство образования и науки, Национальная академия наук Таджикистана, партнеры по развитию | - | 30000 |
| 4. | Разработка механизма взаимодействия внутренних структур пенитенциарной системы для выявления лиц, нуждающихся в психологической, социальной и медицинской помощи с целью своевременного и соответствующего реагирования | 2026 | Министерство юстиции, Министерство здравоохранения и социальной защиты населения, Министерство образования и науки, Национальная академия наук Таджикистана, партнеры по развитию | - | 10000 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 5. | Организация образовательных тренингов для работников исправительных учреждений по вопросам эффективного сбора, оценки, сравнения и анализа информации о лицах, осужденных за преступления экстремистского и террористического характера | 2025-2027 | Министерство юстиции, Генеральная прокуратура, Министерство внутренних дел, Министерство образования и науки, Государственный комитет национальной безопасности, Национальная академия наук Таджикистана, партнеры по развитию | 130000 | 150000 |
| | 2. ПСИХОЛОГИЧЕСКАЯ РЕАБИЛИТАЦИЯ И РЕИНТЕГРАЦИЯ ОСУЖДЕННЫХ | | | | |
| 6. | Разработка и утверждение Положения о деятельности психолога в органах, исполняющих уголовные наказания и критериев оценки деятельности психологов в исправительных учреждениях | 2026-2027 | Министерство юстиции, Национальная академия наук Таджикистана, партнеры по развитию | - | - |
| 7. | В программу повышения квалификации сотрудников органов исполнения уголовных наказаний включить обучение предмета по пенитенциарной психологии | 2026-2027 | Министерство юстиции, партнеры по развитию | | |
| 8. | Разработка и реализация плана мероприятий по профилактике профессиональной депрессии в деятельности сотрудников системы уголовного наказания, а также механизма обмена опытом (супервизии) психологов в исправительных учреждениях | 2026-2027 | Министерство юстиции, партнеры по развитию | | |
| 9. | С учетом передового опыта повышение уровня квалификации психологов исправительных учреждений, особенно психологов, работающих с лицами, осужденными за преступления экстремистско-террористического характера | 2025-2027 | Министерство юстиции, партнеры по развитию | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 3. СОЦИАЛЬНАЯ РЕАБИЛИТАЦИЯ И РЕИНТЕГРАЦИЯ ОСУЖДЕННЫХ | | | | |
| 10. | Осуществление социальной помощи, поддержки и защиты осужденных, содействия сохранению или восстановлению социальных навыков, восстановлению, сохранению и укреплению полезных социальных связей, адаптациям, обеспечивающим необходимые условия для их исправления в период отбывания наказания и реинтеграции после освобождения | 2025-2027 | Министерство юстиции, Министерство внутренних дел, Министерство образования и науки, Министерство здравоохранения и социальной защиты населения, Министерство труда, миграции и занятости населения, Генеральная парокуратура, Государственный комитет национальной безопасности, партнеры по развитию | - | - |
| 11. | Создание условий для привлечения к труду осужденных и улучшение производственно-хозяйственной деятельности исправительных учреждений и повышения экономической эффективности труда осужденных | 2025-2027 | Министерство юстиции, Министерство труда, миграции и занятости населения, партнеры по развитию | 2500000 | 3000000 |
| 12. | В структуре Главного управления исполнения уголовных наказаний Министерства юстиции Республики Таджикистан создание службы социальной работы, специального отдела по социальной работе и утверждение положения и должностной инструкции специалиста по социальной работе в органах исполнения уголовных наказаний | 2026-2027 | Министерство юстиции, Национальная академия наук Таджикистана, партнеры по развитию | - | - |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 13. | Разработка формы первичной оценки (скрининга) индивидуальных рисков и социальных потребностей вновь поступивших в учреждение осужденных | 2027 | Министерство юстиции, Национальная академия наук Таджикистана, партнеры по развитию | - | - |
| 14. | Разработка программы по снижению насилия среди осужденных и на этой основе организация индивидуальной и групповой работы с агрессорами | 2027 | Министерство юстиции, Министерство образования и науки, Комитет по религии, упорядочению торжеств и обрядов, Центр исламоведения, Исламский центр, Национальная академия наук Таджикистана, партнеры по развитию | - | - |
| | **4. ВОССТАНОВЛЕНИЕ ЗДОРОВЫХ РЕЛИГИОЗНЫХ УБЕЖДЕНИЙ И АДАПТАЦИЯ ОСУЖДЕННЫХ К СВОБОДНОЙ ЖИЗНИ** | | | | |
| 15. | Разработка новых форм и методов профилактической работы в исправительных учреждениях для повышения уровня культуры толерантности и предупреждения экстремизма среди осужденных, особенно тех, кто осужден за совершение террористических и экстремистских преступлений | 2025-2027 | Министерство юстиции, Комитет по религии, упорядочению торжеств и обрядов, Центр исламоведения, Исламский центр, Национальная академия наук Таджикистана, партнеры по развитию | - | - |
| 16. | Повышение квалификации и теоретической подготовки религиоведов, представителей религиозных организаций и других лиц, привлеченных к профилактической работе в исправительных учреждениях | 2025-2027 | Министерство юстиции, Министерство образования и науки, Комитет по религии, упорядочению торжеств и обрядов, Центр исламоведения, Исламский центр, Национальная академия наук Таджикистана, партнеры по развитию | - | - |
| 17. | С целью осуществления мероприятий по воздействию на осужденных для восстановления здоровых религиозных убеждений и знаний создание рабочей группы за счет экспертов Комитета по религии, упорядочению торжеств и обрядов при Правительстве Республики Таджикистан, Исламского центра Республики Таджикистан, Государственного учреждения «Центр исламоведения при Президенте Республики Таджикистан» и других соответствующих органов | 2025-2027 | Министерство юстиции, Министерство образования и науки, Комитет по религии и упорядочению торжеств и обрядов, Центр исламоведения, Исламский центр, Национальная академия наук Таджикистана, партнеры по развитию | - | - |
| 18. | Разработка плана мероприятий по проведению встреч с осужденными, выбор тем, способных оказывать положительное влияние на религиозное мышление данной группы людей | 2025-2027 | Министерство юстиции, Министерство образования и науки, Комитет по религии, упорядочению торжеств и обрядов, Центр исламоведения, Исламский центр, Национальная академия наук Таджикистана, партнеры по развитию | - | - |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 19. | Проведение групповых и индивидуальных встреч с лицами, осужденными за совершение преступлений экстремистского и террористического характера | 2025-2027 | Министерство юстиции, Министерство образования и науки, Комитет по религии, упорядочению торжеств и обрядов, Центр исламоведения, Исламский центр, Национальная академия наук Таджикистана, партнеры по развитию | - | - |
| | ИТОГО | 5820000 | | 2630000 | 3190000 |